**Тақризи роҳбари илмӣ**

**ба диссертатсияи унвонҷӯйи кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҷанг Лей дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти забоншиносӣ (语言学) дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Унвонҷӯ Ҷанг Лей соли 2010 факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи Шихэзиро бо ихтисоси забони англисӣ хатм кардааст. Мавсуф аз моҳи марти соли 2015 (дар асоси тафоҳумнома (қарордод) оид ба ҳамкориҳо байни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи омузгории Синзяни Ҷумҳурии мардумии Чин аз 24 октябри соли 2009) ба ҳайси аспиранти соли якуми шуъбаи рузонаи кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо ба тариқи бурсия қабул карда шудааст. Баъд аз хориҷ шудан, Ҷанг Лей барои идома додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ (барои ба анҷом расонидани диссертатсияи номзадӣ) аз 30.09.2022 то 30.09.2023 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, мавзуи илмиаш бо номи “Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти забоншиносӣ (语言学) дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ” бо қарори ҷаласаи Шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2023, №6 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи илмии мазкур ба омӯзиши муқоисавии сохтор ва маънои истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бахшида шуда, иқдоми аввалин дар забоншиносии муқоисавии тоҷик мебошад.

Истилоҳот қисми зиёди луғати ҳар як забонро ташкил медиҳад. Мо истилоҳ гуфта ҳамон калима ё ибораеро меномем, ки барои муайян кардани мафҳуми хоси ҳар як соҳаи ҷудогона истифода мешавад. Бо ҳамин тартиб истилоҳ воҳиди яклухти забон аст, ки дар шакли калима, ибора, ихтисора мавриди корбурд қарор гирифта, вазифаи он ифодаи маъно ва мафҳуми махсуси соҳаҳои илм, техника, технология ва муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад ва аз тарафи ҳамагон ба ҳамон як маъно қабул шудааст. Ҳаҷм ва мундариҷаи мафҳум, ки истилоҳ барои онҳо истифода мешавад, бо таърифҳое, ки дар адабиёт оид ба ин масъала мавҷуданд, муайян карда мешаванд. Истилоҳшиносӣ яке аз бахшҳои муҳими забоншиносӣ мебошад.

Бинобар ин, мавзуи дисертасияи Ҷанг Лей дар ҳақиқат мубрам ба ҳисоб рафта, аз муҳимтарин таҳқиқот дар бахши истилоҳот, алалхусус дар ҷанбаи забоншиносӣ ва забоншиносии муқоисавӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти забоншиносӣ (语言学) дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ то ҳол дар илми забоншиносӣ таҳқиқ нашуда, ҳамчун як ҷузъи норавшан боқӣ мондааст. Бинобар ин, пажӯҳиши мазкур метавонад, ки дар ин масъала равшанӣ андозад. Кори таҳқиқотии мазкур аз муқаддима се боб,

хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, бобҳои он дар навбати худ ба зербобҳо тақсим мешаванд. Дар сарсухан муаллиф муҳимияти интихоби мавзуъро асоснок карда, дараҷаҳои таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, навовариҳои кор, асосҳои методологӣ ва ҷанбаҳои назариявию амалии таҳқиқотро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Муаллиф дар боби якуми дисертатсия **«Асосҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти забоншиносӣ (语言学) дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ»** номгузорӣ шуда, аз шаш зербоб иборат мебошад ва дар он заминаҳои назариявии таҳқиқоти типологӣ, ки ба таҳлили истилоҳоти забоншиносӣ бахшида шудаанду аз ҷониби забоншиносони ватанию хориҷӣ таҳқиқ гардидаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ҳамчунин, дар боби мазкур доир ба муаллиф доир ба методҳои муқоисавӣ-типологӣ, ки оид ба онҳо ақидаҳои гуногун мавҷуданд, инчунин доир ба самтҳои муҳимтарини таҳқиқоти забоншиносии муосири забоншиносони тоҷик ва чин изҳори ақида намудааст. Инчунин, омӯзиши қонуниятҳои ташаккули истилоҳот дар забони чинӣ, сохтор ва семантикаи онҳо иттилоъ дода мешавад.

Дар боби дуюми диссертатсия «**Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти марбут ба «сарф 形态学» дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ»** номгузорӣ шуда, дар ду фасл мураттаб гардидааст, ки дар онҳо хусусиятҳои сохтории истилоҳот ва роҳҳои ташаккулёбии он дар асоси таснифоти сарфӣ дар забонҳои муқоисашаванда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюмро муаллиф ба таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти марбут ба «наҳв 句法» дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» бахшидааст, ки аз ҳафт фасл иборат мебошад.

. Хулосаҳои худро муаллиф дар 17 банд ҷамъбаст намудааст, ки муҳтавои рисоларо инъикос менамояд.

Доир ба мавзуи диссертатсия диссертант 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ ба табъ расонидааст. Ҳамчунин, муҳтавои диссертатсия дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи барасмиятдарории диссертатсия омода гардида, фишурдаи муҳтавои диссертасияро фаро мегирад.

Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисос пурра мувофиқат намуда, дастгоҳи илмии он ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия»,

ки бо қарор Раёсати КОА ҶТ аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, диссертатсияи Ҷанг Лей дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маънoии истилоҳоти забоншиносӣ (语言学) дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.
пешниҳод гардидааст, хотимаёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

Муаллифи диссертатсия Ҷанг Лей имтиҳонҳои маҷмуии муқарраршударо аз рӯйи ихтисос супоридааст. Аз таълифи диссертатсия бармеояд, ки муаллифи он ҳамчун муҳаққиқи хуб бо дастовардҳои забоншиносии муосир хуб ошно буда, аз маводҳои илмӣ хуб истифода мебарад ва фикру андешаҳои илмии худро бо далелу бурҳон ба таври зарурӣ асоснок карда метавонад. Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсия Ҷанг Лей сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ. мебошад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ — Имомзода Маҳина

Нишонӣ: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
E-mail: mahina-07@mail.ru
Тел: (992)000 111 429

Имзои М.М.Имомзодаро тасдиқ мекунам: — Тавқиев Э.Ш.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

26-уми майи соли 2023